ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ

| | |
|---|---|
| Рўйхатга олинди: | “ТАСДИҚЛАЙМАН” |
| № БД–60230100–1,23 | Р.И.Халмурадов |
| 202_1_ йил “27” Август | 202__ йил “___” _____ |

# ТОЖИК ТИЛИ ВА АДАБИЁТИНИ ЎҚИТИШ МЕТОДИКАСИ

фанидан

# ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

Самарқанд - 2021

<table>
<tr><td colspan="2">Фан/Коди модул<br>TTVAO`MM3006<br>(бакалавриат/<br>магистратура)</td><td colspan="2">Соли хониши<br>20___-20___</td><td>Семестри 6</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>5</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фан/ Намуди фан:<br>Маҷбурӣ</td><td colspan="3">Забони таълим<br>Ўзбекӣ/Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Ҳаҷми соатҳои ҳафтаинаи дарс<br>3</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td colspan="2">Машғулотҳои аудиторӣ (соат)</td><td>Таълими мустақил (соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ (соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Методикаи таълими адабиёти тоҷик</td><td colspan="2">75</td><td>75</td><td>150</td></tr>
<tr><td>2</td><td colspan="6">I. Мазмуни фан<br>Фанни мазкур оиди таҳқиқи масъалаҳои асосии таълими забон ва адабиёт дар шароити имрўза, тарғиб ва ташвиқи тафаккури нави педагогӣ, тавсифи умумии омилҳои нави таълим дар замони мо ва зарурияти онҳо баҳс мекунад. Дастури таълимӣ барои такмил ва инкишофи ҷараёни таълим дар мактабҳои таълими умумӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, амиқан омўхтани фанҳои тахассусӣ, тайёр намудани мутахассисон ва ходимони илмӣ ва таъмини самаранокии таълими ҳамагони арзишманд хоҳад буд. Фанни мазкур оиди таҳқиқи масъалаҳои асосии таълими забон дар шароити имрўза, тарғиб ва ташвиқи тафаккури нави педагогӣ, тавсифи умумии омилҳои нави таълим дар замони мо ва зарурияти онҳо баҳс мекунад. Дастури таълимӣ барои такмил ва инкишофи ҷараёни таълим дар мактабҳои таълими умумӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, амиқан омўхтани фанҳои тахассусӣ, тайёр намудани мутахассисон ва ходимони илмӣ ва таъмини самаранокии таълими ҳамагони арзишманд хоҳад буд.<br>Мақсад аз омўзиши ин фан ба донишҷўён таълим додани масъалаҳои муҳими таърихи ташаккул ва марҳилаву даврҳои инкишофи он, такмили маҳорати педагогӣ дар шахсияти талаба, нишон додани роҳҳои самарабахши маводи таърихи адабиёти форсу тоҷик, илми назарияи адабиёт, танқиди адабӣ, роҳ ва усулҳои таълим ва таҳлили асари бадеӣ, принсипҳои таълим, дар асоси технологияи нави таълим ба роҳ мондани ҷараёни таълими адабиёти форсу тоҷик аз давраи қадим то ба имрўз, нишон додани сохт ва структураи дастури таълимӣ, роҳ ва усулҳои татбиқи методҳои мухталифи анъанавӣ ва ноанъанавӣ (интерфаъол) миллӣ аст. Дар дастури таълимӣ  баъзе масъалаҳои таълими адабиёти форсу тоҷик дар мактаб аз дидгоҳи тозаву нав мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Аз ҷумла, мазмун ва моҳияти  консепсияи таълими адабиёти тоҷик барои мактабҳои таълими ҳамагонӣ комилан фаро гирифта шудааст. Мақсади таълими фанни «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» ба муттахассисони соҳаи забон ва адабиёти тоҷик оиди усулҳо, роҳу равиши таълими забони модарӣ дар мактабҳои миёна маълумот додан аст.</td></tr>
</table>

Вазифаҳои муҳимтарини методикаи таълими забон ва адабиёт, ки характери таълимӣ-илмӣ ва услубӣ-методикӣ дорад, баррасии тарзи тадриси масъалаҳои мухталифи адабиёти тоҷик аз нигоҳи нав аст. Ҳангоми таҳияи он аз тадқиқотҳои илмӣ-услубӣ, таҷрибаҳои муаллимони пешқадам, маводҳои конференсияҳои илмӣ-услубӣ, китобҳои дарсӣ, натиҷаҳои ҷустуҷӯ ва ковишҳои зиёди илмӣ – методологӣ истифода карда шуд. Вазифаи асосии фанни мазкур пеш аз ҳама талқину тарҷеҳи роҳ ва усулҳои аз ҳама самароноктарини дарс ва услуҳои он, муайян намудани принсипҳои таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ, роҳҳои дурусти омӯзиши масъалаҳои мубрамтарини таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва танқиди адабӣ аст. «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» аз чунинҳо иборатанд: тавсифи тадқиқотҳои олимон роҷеъ ба мавзӯи методикаи таълими забон; ҳангоми таълим ба вуҷуд овардани вазъиятҳои муаммоӣ; таълими хелҳои дарс ва усули дарси проблемавӣ таълим дода мешавад; тарзи таълими мавзӯъҳои гуногуни соҳаи забоншиносӣ; такмил додани мулоҳизаҳои шахсии донишҷӯён дар бобати амалй намуднаи донишҳои назарӣ.

## II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)

### II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:

### Мавзӯи 1. Методикаи таълими адабиёт ҳамчун фан.

Масъалаҳои асосии таълими адабиёт дар шароити имрӯза. Тафаккури нави педагогӣ. Омилҳои нави таълими адабиёт ва зарурияти таҷдиди онҳо. Асосҳои таълими адабиёт дар мактаб. Мафҳуми метод ва методика. Мақсад ва вазифаҳои фанни мазкур. Алоқаи методикаи таълими адабиёт бо фанҳои дигар. Аз таърихи таълими фанни адабиёт дар мактабу мадрасаҳо. Талаботи асосии «Стандарти давлатии таълим» аз фанни адабиёт.

### Мавзӯи 2. Дастури таълимӣ. Сохт, таркиб ва мазмуну мундариҷаи он аз фанни адабиёт.

Зинаҳои асосии таълими адабиёт дар мактаб: хониши эзоҳӣ, хониши адабӣ, таърихи адабиёт. Мувофиқати дастури таълимӣ бо ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ; «Консепсияи омӯзиши адабиёт» ва «Стандарти давлатии таълим». Сохти нақшаи таълимӣ ва дастури таълимӣ аз фанни адабиёт. Аз таърихи таълими адабиёт дар мактаб ва мадрасаҳо. Мавод ва материалҳои китобҳои дарсӣ ва принсипҳои асосии таҳияи дастури таълимӣ, дастури кори тақвимӣ, ва китобҳои дарсии адабиёт. Мазмуни асосии китобҳои дарсӣ ва мувофиқ гардонидани он бо ғояҳои нави сиёсию иҷтимоӣ.

### Мавзӯи 3. Тафаккури нави педагогӣ ва зарурияти татбиқи он дар дарсҳои адабиёт.

Зарурати асосии илму дониш дар мактаб. Ҷараёни таълим ва моҳияти он. Мавқеи таълимдиҳанда ва таълимгиранда дар ҷараёни таълим. Зарурати ташаккули шахсияти хонанда ва ба инобат гирифтани он дар ҷараёни таълим. Роҳҳои асосии амалӣ гардонидани ҷараёни таълим ва татбиқи он дар дарсҳои адабиёт. Таъмини самаранокии дарс ва омилҳои асосии он. Методологияи нави таълим ва зарурати татбиқи он дар дарсҳои адабиёт. Технологияи таълим ва ҷараёни таълим. Шарҳи мафҳуми «Технологияи таълим» ва «Технологияи педагогӣ». Моделҳои анъанавӣ ва ноанъанавии таълим аз фанни адабиёт.

| | |
|---|---|
| | Мафҳуми «моделҳои нави таълим». Модели хониш – таълими анъанавӣ. Дарси моделизатсияшуда. Модели таълими ҳамҷоя ва ҳамкорӣ. Модели омӯзиши тадқиқотӣ дар дарсҳои адабиёт – дарси тадқиқотӣ. Таснифи моделҳои таълим мувофиқи қонун дар бораи таълим. Мазмун ва моҳияти асосии модели анъанавии таълим. Роҳ ва усулҳои дарсдиҳӣ дар асоси модели анъанавии таълим. Сохтори дарсҳои анъанавӣ. Қисматҳои таркибии модели дарсҳои анъанавӣ ва махсусиятҳои онҳо. Афзалиятҳои модели анъанавии таълим. Камбудӣ ва нуқсонҳои асосии ин модел.<br>**Мавзӯи 4. Методҳои асосии модели анъанавии таълим.**<br>Таснифи методҳои анъанавии таълим. Методҳои шифоҳӣ, илюстративӣ (ороишдиҳӣ) ва демонстратсионӣ (намоишдиҳӣ). Методи маърӯза. Сохт, таркиб ва қисматҳои таркибии маърӯза. Структураи асосии маърӯза дар дарсҳои адабиёт. Маърӯзакунанда ва хислатҳои асосии ӯ дар ҷараёни дарс. Афзалият ва нуқсонҳои методи мазкур. Методҳои сӯҳбат, муҳокима, мушоҳида дар дарсҳои адабиёт ва мазмуну моҳияти онҳо. Дарси моделизатсияшуда ва хусусиятҳои асосии он. Модели дарси ҳамҷоя ва ҳамкорӣ аз фанни адабиёт ва тарзи татбиқи он дар амал. Махсусиятҳои моделҳои мазкури таълим. Модели дарси тадқиқотӣ ва кашфи падидаҳои тоза. Афзалият ва нуқсонҳои моделҳои наву ноанъанавии таълим.<br>**Мавзӯи 5. Методҳои интерфаъол ва татбиқи он дар ҷараёни таълими фанни адабиёт.**<br>Методҳои масъалагузорӣ, муҳокима (муҳокимаи ҷуфт, муҳокимаи гурҳҳӣ), мулоқот, баҳс, машғулоти амалӣ, тадқиқотӣ, бозиҳои саҳнавӣ, методи лойиҳа, методи «пинборд», «конфрентсия», «чархфалак», «референдум» ва татбиқи онҳо дар дарсҳои адабиёт. Афзалият ва нуқсонҳои методҳои мазкур. Мазмун ва моҳияти асосии методи «ҳуҷуми ақлӣ». Мутаносибияти методи ҳуҷуми ақлӣ бо методҳои «пинборд» ва «лоиҳа». Хусусиятҳои муштараки методи «ҳуҷуми ақлӣ» ва методи анъанавии масъалагузорӣ. Татбиқи методи «ҳуҷуми ақлӣ» ҳангоми таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ. Зинаҳои асосии ин методи. Харитаи технологии истифодаи методи «ҳуҷуми ақлӣ» ҳангоми таълими фанни адабиёт. Афзалият ва нуқсонҳои методи мазкур.<br>**Мавзӯи 6. Тарзи таълими мавзӯъҳои обзорӣ ва монографӣ аз фанни адабиёт.**<br>Моҳият ва хусусияти мавзӯъҳои обзорӣ аз фанни адабиёт. Мавзӯъҳои монографӣ ва хусусиятҳои онҳо. Усулҳои таълими мавзӯъҳои обзорӣ ва монографӣ. Татбиқи принтсипи аз хусусӣ ва умумӣ гузаштан ва аз умумӣ ба хусусӣ гузаштан ҳангоми таълими мавзӯъҳои обзорӣ аз фанни адабиёт. Сохт ва структураи таълими мавзӯъҳои обзории адабиёти мумтози форсу тоҷик ва адабиёти муосир. Методҳои асосӣ дар таълими мавзӯъҳои обзорӣ ва монографӣ.<br>**Мавзӯи 7. Тарзи таълими мавзӯъҳои назарияи адабиёт ва танқиди адабӣ.**<br>Вазифа ва мақсади асосии таълими мавзӯъҳои назарии адабиёт дар мактаб, мафҳумҳои адабӣ ва ташреҳи он аз фанни адабиёт. Омӯхтани таркиби |

| | |
|---|---|
| | асари бадеӣ (унсурҳои мазмуниву шаклӣ). Принсипҳои асосии таълими мавзӯъҳои назарияи адабиёт дар синфҳои болоӣ (сабкҳои адабӣ, сохти шеъри тоҷикӣ, жанрҳои адабӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ). Масъалаҳои асосии илми танқиди адабӣ дар мактаби миёна ва тарзу усулҳои таълими онҳо.<br>**Мавзӯи 8. Тарз ва усулҳои таҳлили асари бадеӣ дар мактаб.**<br>Омилҳои асосии таълими асарҳои бадеӣ. Тарзи омӯзиши таркиби асари бадеӣ. Хониши асари бадеӣ ва таҳлили он дар мактаб. Таҳлили асарҳои бадеӣ дар гузашта. Принсипҳои асосии омӯзиши асарҳои бадеӣ. Татбиқи принсипҳои таърихият, ягонагии мазмун ва шакли асар, принтсипҳои марифатӣ - тарбиявӣ, муқоисавӣ ва ба ҳисоб гирифтани робитаҳои адабӣ дар таҳлили асари бадеӣ. Ташаккули шахсияти хонанда ҳангоми таҳлили асари бадеӣ. Усулҳои омӯзиши асар дар мактаб (индуктсия ва дедуктсия) Методи сӯҳбат, маърӯза, нақл, тадқиқот, муқоиса дар таҳлили асари бадеӣ. Таълими асар аз рӯи образҳо, сюжет, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявӣ. Роҳҳои асосии таҳлили асари бадеӣ дар мактаб. Таҳлил аз нуқтаи назари адиб. Таҳлил дар асоси таснифи образҳои асар. Таҳлил дар асоси масъалагузорӣ.<br>**Мавзӯи 9. Тарзи таълими асарҳои бадеӣ аз рӯи жанр. Тарзи таҳлили асарҳои лирикӣ, эпикӣ ва драмавӣ.**<br>Муаммоҳои асосӣ дар таълими асарҳои лирикӣ. Масъалаи таснифи жанрҳо. Жанрҳои асосии адабиёт ва хусусиятҳои онҳо. Таълими асарҳои лирикӣ ва принсипҳои асосии он дар синфҳои У-У11. Таълими асарҳои лирикӣ ва махсусиятҳои он дар синфҳои У111-1Х. Ташаккули дониши назарии хонандагон ҳангоми таҳлили асарҳои лирикӣ дар синфҳои поёнӣ ва болоӣ. Зинаҳои асосии таҳлили асарҳои лирикӣ дар синфҳои болоӣ. Принтсипҳои асосии омӯзиши асарҳои лирикӣ дар синфҳои болоӣ. Таълими асарҳои эпикӣ ва принсипҳои асосии он. Таълими асарҳои эпикӣ аз рӯи қиёси жанрҳо ва образҳо. Хониши асарҳои бадеӣ ҳамчун ҷавҳари таълим. Таълими асарҳои драмавӣ ва усулҳои асосии омӯзиши онҳо. Махсусиятҳои асарҳои драмавӣ ва таълими он. Метод ва усулҳои кор бо асарҳои драмавӣ. Хониши мустақилона ва танзими кори омӯзгор. Кор дар болои матн ва мушкилоти таҳлили он дар мактаб. Шакл ва намудҳои таҳлили матн.<br>**Мавзӯи 10. Дарси адабиёт ва намудҳои он.**<br>Тавсифи намунавии касбии муаллими фанни адабиёт. Дарс ҳамчун кори эҷодии муаллим. Дарси муқаддимавӣ, тарҷумаиҳолӣ, дарсэкскурсия, дарсҳои ҷамъбастӣ, амалӣ ва семинарӣ ва моҳияти асосии онҳо. Принтсип ва методҳои асосии таълими дарсҳои муқаддимавӣ, тарҷумаиҳолӣ, ҷамъбастӣ ва такрорӣ аз фанни адабиёт дар мактабҳои миёна. Тарзи ташкили дарси намунавӣ аз фанни адабиёт. Нақли хаттӣ ва тартиб додани нақшаҳои корӣ. Конспект ва тарзи навишти он. Тартиб додани тезисҳо аз рӯи мавзӯъҳо, бардоштани иқтибос, тарзи навишти маърӯза ва рефератҳо дар синфҳои болоӣ. Тафсифномависӣ ва махсусиятҳои он. Иншо ва намудҳои он. Иншоҳои адабӣ ва иншоҳои озод. Иншоҳои ҷорӣ, иншоҳои санҷишӣ, иншо аз рӯи расм, иншо аз рӯи мушоҳида, иншо дар мавзӯи озод. Тарзи санҷиши корҳои хаттӣ ва иншоҳо, аломатҳои шартӣ-ишоратӣ дар ҷараёни санҷиши нақлҳои хаттӣ ва иншоҳо аз фанни |

| | |
|---|---|
| | адабиёт. Меъёрҳои асосии баҳогузорӣ ба дониши хонандагон ва корҳои хаттии онҳо.<br>**МОДУЛИ II**<br>**Мавзӯи 1. Мақсад ва вазифаҳои фанни «Методикаи таълими забони тоҷикӣ»**<br>Объекти фанни методикаи таълими забон. Предмети фанни методикаи таълими забон. Вазифа ва моҳияти методикаи таълими забон. Тарзи тадбиқи дарсҳои забони модарӣ дар ҷараёни таълим. Ҷараёни таълим ва таълими забони модарӣ. Зарурати омӯзиши забони модарӣ ҳамчун фан ва мавқеи он дар системаи фанҳои таълимӣ. Моҳияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии таълими забони модарӣ дар мактаб. Асосҳои илмӣ-назарӣ ва ахлоқии таълими забони модарӣ дар мактаб. Меъёр ва мезонҳои «Стандарти давлатии таълим» барои забони модарӣ ва қисматҳои таркибии он. Талаботҳои асосӣ барои омӯзиши қисматҳои грамматика-фонетика, лексикология, морфология, синтаксис ва услубшиносӣ.<br>**Мавзӯи 2. Моделҳои асосии таълими дарсҳои забони модарӣ**<br>Дарсҳои анъанавӣ ва ноанъанавии забони модарӣ. Модели анъанавии дарси забони модарӣ. Сохт ва структураи дарсҳои анъанавии забони модарӣ. Методҳои анъанавии таълими забони модарӣ. Методҳои маърӯза, сӯҳбат, мушоҳида, муҳокима дар таълими забони модарӣ ва тарзи тадбиқи он дар амал. Мафҳуми методҳои асосии забони модарӣ. Моделҳои ноанъанавии таълими забони модарӣ. Мафҳуми дарсҳои ноанъанавӣ аз фанни забони модарӣ. Моделҳои асосии дарсҳои ноанъанавӣ аз фанни забони модарӣ: дарси ҳамчоя ва ҳамкорӣ, дарси моделизацияшуда, дарси тадқиқотӣ. Таснифи методҳои таълимии дарсҳои ноанъанавӣ. Методҳои намоишдиҳӣ, методи баёни муаммоӣ, методи ҷустуҷӯӣ, аз нав ба хотирорӣ ва тадқиқотӣ.<br>**Мавзӯи 3. Ташкили корҳои таълимӣ ва шаклҳои асосии дарси забони модарӣ**<br>Маълумоти умумӣ бобати шаклҳои асосии дарси забони модарӣ. Қисматҳои таркибии дарсҳои забони модарӣ: Ба хотироварӣ, дониши нав ҳосил намудан, тадбиқ намудан, таҳлил намудан, хулоса намудан,асоснок намудан, тарзи супориши вазифаи хонагӣ. Намудҳои таълими дарс аз забони модарӣ: дониши нав додан, ташаккули малака ва қобилияту фаҳмиш, такрор намудан, кор дар болои камбудӣ ва нуқсонҳо.<br>**Мавзӯи 4. Воситаҳои асосии таълими забони модарӣ**<br>Китобҳои дарсӣ - воситаи муҳими таълими забон. Сохт, таркиб ва қисматҳои асосии дастури таълими забон. Принсипҳои асосии таҳияи дастури таълимӣ. Моҳияти дастури таълимӣ. Воситаҳои иловагӣ ва тарзҳои истифодаи онҳо дар дарсҳои забони модарӣ: суратҳо, асбоби аёнӣ, графикҳо, диаграммаҳо, чадвалҳо, луғатҳо (луғатҳои имлоӣ, қомусӣ (энсиклопедӣ), этимологӣ, фразеологӣ, антонимӣ, синонимӣ, тасрифӣ, омонимӣ ва ғайра).<br>**Мавзӯи 5. Дарсҳои муқаддимавӣ аз фанни забони модарӣ ва тарзи ташкили онҳо**<br>Мақсад ва моҳияти дарсҳои муқаддимавӣ аз фанни забони модарӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| | | Омилҳои асосии таснифи забони модарӣ ба қисматҳои муқаддима ва қисматҳои асосӣ. Мазмун ва моҳияти қисмати дарсҳои муқаддимавӣ ва истилоҳоти асосии ин қисмат. Мавзӯъҳои асосии дарсҳои муқаддимавӣ аз фанни забони модарӣ.<br>**Мавзӯи 6. Тарзи таълими қисмати фонетика ва моҳияти он**<br>Тарзи таълими курси «Фонетика» ва принсипҳои асосии он. Моҳияти таълими курси «Фонетика» дар мактабҳои миёна. Принсипҳои асосии таълими курси «Фонетика» дар синфҳои поёнӣ (У-У11) ва таркиби овозии он ва роҳҳои дурусти таълими он дар мактаб. Тарзи таҳлили фонетикӣ ва тадбиқи он дар синфҳои поёнӣ. Принсипҳои асосии таҳлили фонетикӣ.<br>**Мавзӯи 7. Лексика ва тарзи таълими он дар мактаб**<br>Омилҳои асосии ташаккули захираи луғавӣ дар чараёни дарсҳои забони модарӣ. Тамоюлоти асосии тарзи таълими антонимҳо, синонимҳо, омонимҳо, паронимҳо. Калимаҳои сермаъно дар мактаб. Тарзҳои корбарӣ бо луғатҳои тафсирӣ, қомусӣ, эзоҳӣ, этимологӣ, синонимӣ, омонимӣ, антонимӣ. Тарзҳои тадбиқи луғатҳо ҳангоми таълими мавзӯъҳои мухталиф дар дарси забони модарӣ. Тарзи таълими лексикӣ аз фанни забони тоҷикӣ. Тадбиқи таҳлили лексикӣ дар таълими забони модарӣ.<br>**Мавзӯи 8. Морфология ва тарзи таълими он дар мактаб**<br>Арзи таълими курси морфология дар илми забоншиносӣ ва мақсаду моҳияти он. Тарзи таълими таркиби калима (реша, асос, бандак, суффикс ва префикс) аз фанни забони модарӣ. Сохти калимаҳо ва принсипҳои асосии таълими он дар мактаб. Ҳиссаҳои нутқ ва тарзҳои таълими он дар мактаб аз фанни забони модарӣ. Тарзи таълим ва роҳҳои махсуси омӯзиши ҳиссаҳои номӣ ва ёридиҳандаи нутқ. Таҳлили алоқамандии курси морфология бо қисматҳои дигари илми забоншиносӣ. Вазифаи синтаксисии калимаҳо дар забони модарӣ. Тарзи таҳлили морфологӣ ва методикаи таълими он дар мактаб.Тарзи таҳлили сохт ва таркиби калима ва тарзи тадбиқи он аз фанни забони модарӣ. Принсип ва методҳои асосии таҳлили ҳиссаҳои номии нутқ. Тарзи таҳлили ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ аз фанни забони модарӣ ва тадбиқи он.<br>**Мавзӯи 9.Тарзи таълими курси синтаксис аз фанни забони тоҷикӣ дар мактаб**<br>Тарзи таълими ҷумлаҳои мураккаб (ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ) аз фанни забони модарӣ. Тарзи таҳлили синтаксисӣ ва роҳҳои тадбиқи он аз фанни забони модарӣ.Тарзи таълим иборава навъҳои он. Тарзи таълими ҷумлаҳои содда ва таҳлили грамматикии онҳо. Тарзи таълими ҷумлаҳои мураккаб ва навъҳои он. Тарзи таҳлили ҷумлаҳои мураккаб.<br>**Мавзӯи 10.Тарзҳои ташаккули нутқи хонандагон дар мактаб**<br>Навъҳои нутқ: нутқи шифоҳӣ ва нутқи хаттӣ. Талаботҳои асосӣ ба нутқи хонандагон: шароитҳои асосии нутқ, мазмуннокии нутқ, нутқи мантиқӣ, амиқии нутқ. Тарз ва усулҳои кор бо матн аз фанни забони модарӣ. Мухталифи услуб дар матн. Ташаккули нутқи хаттию расмии хонандагон. Корҳои хаттӣ ва тарзи ташкили онҳо аз фанни забони тоҷикӣ. Роҳ ва тарзҳои |

санҷиши корҳои хаттӣ. Нақли хаттӣ ва навъҳои он аз фанни забони модарӣ. Диктант ва роҳҳои асосии тадбиқи он.. Баён ва тарзи ташкили он. Меъёр ва мезони баҳо ба корҳои хаттӣ аз фанни забони модарӣ.

## III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ (Методикаи таълими адабиёт)

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Татбиқи мавзӯъҳои обзорӣ дар таълими фанни адабиёти тоҷик.
2. Тарзи омӯхтани мавзӯъҳои назариявии адабиёт дар синфҳои болоӣ.
3. Татбиқи методҳои наву ноанъанавӣ дар ҷараёни таълими достонҳои ҳамноми «Лайлӣ ва Маҷнун».
4. Моҳияти асосии тарзи таълими мавзӯъҳои обзорӣ дар синфҳои болоӣ.
5. Мутобиқати мавзӯъҳои дастури таълимӣ бо маводи китобҳои дарсӣ ва тарзи гузориши онҳо.
6. Ташкили дарсҳои ноанъанавӣ ва намунавӣ аз рӯи мавзӯъҳои монографии адабиёт..
7. Тарз ва усулҳои истифодабарӣ аз очеркҳои бадеӣ дар ҷараёни таълими мавзӯъҳои тарҷумаиҳолӣ.
8. Тарз ва усулҳои истифодабарӣ аз монографияҳои илмӣ дар омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллои Рӯдакӣ.
9. Жанрҳои адабӣ ва тарзи таҳлили онҳо вобаста ба хусусиятҳои синну солии хонандагон.
10. Меъёри баҳогузорӣ ба дониши хонандагон ва тарзи санҷиши корҳои хаттӣ.
11. Тарзи ташкили корҳои берун аз синфӣ ва мактабӣ.
12. Татбиқи таълими сохти шеъри форсӣ-тоҷикӣ дар синфи 9.
13. Усулҳои таълиму таҳлили осори бадеӣ дар мактаб.
14. Тарзи таълими мавзӯи «Адабиёти асри 1Х-Х1» дар синфи 1Х ҳамчун мавзӯи обзорӣ.
15. Татбиқи принсипи муқоисавӣ ҳангоми омӯхтани «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ.
16. Тарзи таҳлили порчаҳои шеърӣ дар синфҳои 5-6. Тарзи таҳлили ашъори лирикӣ дар синфҳои болоӣ.
17. Тарзи таҳлили жанри ҳикоя дар синфи 6 (Дар асоси ҳикояи «Марги Ҳофиз»-и С.Улуғзода).
18. Татбиқи методҳои сӯҳбат ва мулоқот ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Мазмун ва мундариҷаи «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус» дар синфи 6.
19. Сохтани нақшаи дарси яксоата дар асоси мавзӯи «Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ».татбиқи методи муҳокима дар асоси таълими ин мавзӯъ.
20. Фаъолияти эҷодкоронаи муаллим дар таҳлили асарҳои бадеӣ ва тарбияи шахсияти хонанда. Ташкаккули шахсияти хонанда ҷузъи муҳими фанни адабиёт.
21. Методҳои нав ва татбиқи технологияи нави замонавӣ дар дарсҳои адабиёт.

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ

чиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

**Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

**Методикаи таълими забон**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Мушоҳида ва таҳлили дарси яксоата аз фанни забони тоҷикӣ.
2. Таълими ҳиссаҳои нутқ, хусусиятҳои маъной,морфологӣ ва вазифаи синтаксисии онҳо.
3. Таълими таҳлили сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла.
4. Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаб ва фарқи он аз ҷумлаи содда.
5. Усули таълими ҷумлаи мураккаби пайваст.
6. Усули таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ.
7. Таълими мавзӯъ «Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав» дар асоси технологияи нави педагогӣ.
8. Дар асоси усули проблемавӣ гузаронидани мавзӯи ««Сифат ва аломатҳои грамматикии он»
9. Воситаҳои аёнӣ ва хелҳои он. Тарзи созмони асбобҳои аёнӣ.
10. Аз фанни «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» сохтани саволномаҳо.
11. Дарси диктанти санҷишӣ, миқдори калимаҳо дар синфҳои IV- IX. Меъёри баҳогузорӣ ба дониши хонандагон ва тарзи санҷиши корҳои хаттӣ.
12. Тарзи гузаронидани нақли хаттӣ.
13. Таҳлил ва муҳокимаи «Қонун дар бораи таълим».
14. Дарки моҳияти баромадҳои президенти Республикаи Ӯзбекистон ва асарҳои ӯ оиди ислоҳи сохтори таълим.
15. Матбуоти даврӣ ва гузоришҳои он роҷеъ ба масъалаҳои таълим ва тарбия дар республика.
16. Шиносоӣ ва накшасозӣ бо кори ҷонишини директори мактаб оид ба корҳои тарбиявӣ.
17. Шиносоӣ бо нақшаи кори мудири китобхонаи мактаб.
18. Шиносоӣ ва нақшасозӣ аз рӯи нақшаи тарбиявии роҳбари синф.
19. Сохтор, мазмун ва мундаричаи барномаҳо оиди забони тоҷикӣ.

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ чиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**

**(Методикаи таълими адабиёт)**

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Танзими мавзӯъҳои нақли хаттӣ дар синфи 7 ва принсипҳои асосии он.
2. Танзими нақшаи кории солона барои синфҳои 5-8 аз фанни адабиёт.

| | | |
|---|---|---|
| | | 3. Тарзи гузаронидани дарси кушод дар синфи 9 дар мавзӯи «Мазмун ва мундариҷаи ғоявии «Қасидаи шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ.<br>4. Тарзи таҳлили асарҳои эпикӣ дар синфҳои болоӣ (Дар асоси ҳикояи «Рӯзи дафни Усто Оқил»-и Ф.Муҳаммадиев).<br>5. Тарзи санҷиши нақли хаттӣ ва меъёри баҳогузорӣ ба он.<br>6. Тарзи санҷиши иншоҳои адабӣ ва иншоҳои озод дар синфҳои болоӣ ва татбиқу усули гузоштании аломатҳои шартӣ ҳангоми санҷиш.<br>7. Татбиқи принсипи ягонагии шаклу мазмун ҳангоми таҳлили рубоиёти Хайём.<br>8. Тарзи таҳлили асари бадеӣ тибқи образҳои бадеӣ (дар асоси романи «Палатаи кунҷакӣ»-и Фазлиддин Муҳаммадиев).<br>9. Тадбиқи методҳои анъанавии таълим ҳангоми таҳлили «Баҳористон»- и Ҷомӣ.<br>10. Тарзи татбиқи методи тадқиқотӣ ҳангоми омӯзиши «Наводир-ул-вақоеъ»и Аҳмади Дониш дар синфи 9.<br>11. Дарси ноанъанавӣ аз фанни адабиёт дар синфи 8 (Дар асоси мавзӯи «Монандӣ ва фарқияти «Баҳористон»-и Абдураҳмон Ҷомӣ ва «Гулистон»-и Саъдӣ ).<br>12. Тарзи таҳлили асари бадеӣ-эпикӣ аз ҷиҳати забон ва услуби нигориш (Дар асоси мавзӯи «Забон ва услуби «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш»).<br>13. Хониши сенариявӣ (Дар асоси драммаи «Падаркуш»-и Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ дар синфи 8.) ва тарзи таҳлили асарҳои саҳнавӣ.<br>14. Усули танзими корҳои услубӣ ва маҳфилҳои адабӣ дар мактаби миёна.<br>15. Тарзи гузаронидани хониши муаммоӣ ва тафсирӣ аз фанни адабиёт дар дарсҳои хониши бадеӣ.<br>16. Тарзи корбарии муаллими адабиёт дар мактаб.<br>17. Татбиқи методи тадқиқотӣ ҳангоми таҳлили асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ».<br>18. Татбиқи методи ҳуҷуми ақлӣ ҳангоми таҳлили қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ.<br>19. Тарзи истифодаи методи мулоқот ҳангоми омӯзиши «Ёддоштҳо»-и Айнӣ дар синфи 11.<br>20. Дарси тадқиқотӣ ва тарзи ташкили он дар синфҳои болоӣ.<br>21. Дарси моделизатсияшуда аз рӯи мавзӯи «Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ дар синфи У111.<br>22. Мавриди истифодаи методи нақл ва маърӯза ҳангоми омӯзиши курси таърихи адабиёт.<br>23. Махсусиятҳои таълими мавзӯъҳои танқиди адабӣ дар мактаб.<br>24. Масоили асосии мавзӯъҳои назарияи адабиёт дар синфҳои поёнӣ ва тарзи таълими онҳо.<br>25. Васоити ёрирасон ва сохти онҳо ҳангоми таълими мавзӯъҳои монографӣ.<br>26. Тарзи таҳлили осори бадеӣ дар асоси принсипи ягонагии шакл ва мазмуни асари бадеӣ. |

27. Мушаххасоти таълими осори лирикӣ дар мактабҳои миёна.
28. Мушкеилоти таълими мавзӯъҳои назарии адабиёт дар мактаб.
29. Тарзи таълими мавзӯъҳои танқиди адабӣ дар синфи 1Х.
30. Ҷиҳатҳои ба худ хоси таълими асраҳои драмавӣ.
31. Ташаккули дониши назарии хонандагон ҳангоми таълими асарҳои эпикӣ дар синфҳои поёнӣ.
32. Методи нақл ҳамчун методи асосии таълим курси хониши адабӣ.
33. Методи қироат ва арзиши он дар таълими порчаҳои шеърӣ дар синфҳои болоӣ ва поёнии мактаб.
34. Махсусиятҳои таълими асарҳои эпикӣ дар синфҳои болоӣ.
35. Методи мулоқот ва арзиши он ҳангоми таълими осор ва аҳволи Рӯдакӣ.
36. Методи мунозара ва арзиши он ҳангоми таълими мавзӯъҳои такрорӣ.
37. Татбиқи методҳои анъанавӣ ва арзиши онҳо ҳангоми таҳлили асарҳои бадеӣ.
38. Татбиқи принсипи ягонагии шакл ва мазмун ҳангоми таълими ғазалиёти Ҳилолӣ.
39. Шаклҳои нави дарси адабиёт ва аҳамияти онҳо дар самаранокии таълим.
40. Шаклҳои анъанавии дарсҳои адабиёт ва мавқеи онҳо дар ҷараёни таълим.
41. Тавсифи муаллими адабиёт ва сифатҳои барчастаи он.
42. Қисматҳои ташкилии дарсҳои анъанавӣ: дарси такрорӣ, дарси чамъбастӣ, дарси муқаддимавӣ.
43. Таҳлили асари бадеӣ аз нуқтаи назари адиб (Дар асои таълими «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ ).
44. Таҳлили асари бадеӣ дар асоси тамоюлоти масъалагузорӣ (Дар асоси таълими «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ).

Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад.

**Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**
**(Методикаи таълими забон)**

1. Методҳои интерфаъол ва технологияи нави педагогӣ. Объекти фанни методикаи таълими забон.
2. Тарзи тарбиқи дарсҳои забони модарӣ дар чараёни таълим
3. Зарурати омӯзиши забони модарӣ ҳамчун фан ва мавқеи он дар системаи таълимӣ
4. Асосҳои илмӣ назарӣ ва ахлоқии таълими забони модарӣ дар мактаб
5. Меъёр ва мезонҳои «Стандарти давлатии таълимӣ» барои забони модарӣ ва қисмҳои таркибии он
6. Моделҳои асосии таълими дарсҳои забони точикӣ
7. Дарсҳои анъанавӣ ва ноанъанавии забони модарӣ
8. Сохт ва структураи дарсҳои анъанавии забони модарӣ: Методҳои маърӯза, сӯҳбат, методи нақли муаллим
9. Мушоҳида ва таҳлили дарс дар таълими забони модарӣ ва тарзи тадбиқи он дар амал
10. Моделҳои ноанъанавии таълими забони модарӣ

| | |
|---|---|
| | 11.Таснифи методҳои таълимии дарсҳои ноанъанавӣ: методҳои намоишдиҳӣ, методи баёни муаммоӣ, методи ҷустуҷӯӣ, аз нав ба хотиррасӣ ва тадқиқотӣ<br>12. Моҳияти таълими курси «Фонетика» дар мактабҳои миёна. Принсипҳои асосиии таълими фонетика дар синфҳои поёнӣ (V-VI) ва таркиби овозҳои он<br>13. Таркиби таҳлили фонетикӣ дар синфи V. Намунаи таҳлил. Роҳҳои дурусти таълими он дар мактаб<br>14. Лексика ва тарзи таълими он дар мактаб. Тартиби таҳлили лексикӣ ва намунаи он.<br>15. Тарзи таълими антаним, синоним, омоним ва паронимҳо, калимаҳои сермаъно ва тарзҳои корбарӣ аз луғатҳои тафсирӣ, комусӣ, эзоҳӣ, этимологӣ, синонимӣ, омонимӣ, антономӣ<br>16. Таълими боби «Морфология» дар илми забоншиносӣ ва мақсаду моҳияти он<br>17. Тарзи таълими «Таркиби калима» (реша, асос, бандак, суффикс ва префикс)<br>18. Тарзи таълими ҳиссаҳои нутқ аз фанни забони модарӣ, роҳҳои махсуси омӯзиши ҳиссаҳои номӣ. Вазифаи синтаксисии калимаҳо дар таълими забони модарӣ<br>19. Тарзи таҳлили морфологӣ ва методикаи таълими он дар мактаб<br>20. Тарзи таҳлили ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ аз фанни забони модарӣ ва тадбиқи он<br>21. Тарзи таълими бобби «Синтаксис» аз фанни забони тоҷикӣ дар мактаб<br>22. Тарзи таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз фанни забони модарӣ<br>23. Тарзи таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз фанни забони модарӣ<br>24. Тарзи таҳлили синтаксисӣ ва намунаи он аз фанни забони модарӣ<br>25. Тарзҳои ташаккули нутқи хонандагон дар мактаб<br>26. Корҳои хаттӣ ва тарзи ташаккули онҳо аз фанни забони тоҷикӣ<br>27. Роҳ ва тарзҳои санҷиши корҳои хаттӣ ва навъҳои он аз фанни забони модарӣ. Диктант ва роҳҳои асосии тадбиқи он<br>28. Баён ва тарзи ташкили он. Меъёр ва мезони баҳо ба корҳои хаттӣ аз фанни забони модарӣ<br>Аз рӯи мавзӯъҳои таълими мустақилона ба донишҷӯён тайёр кардани реферат ва тақдимоти он тавсия карда мешавад. |
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетентсияҳои ташаккулёбанда)**<br>Дар асоси омӯзиши фан донишҷӯён бояд:<br>бобати дарки моҳият ва мазмуни «Дастури миллӣ тайёр намудани кадрҳо», ташаккули таърихи методикаи таълими адабиёт ва мақсаду вазифаҳои он, таҳия намудани дастурҳои таълимӣ, шиносоӣ бо сохт, таркиб ва қисматҳои он, методҳои асосӣ ва моҳияти моделҳои анъанавӣ ва ноанъанавии таълим, сохти модели анъанавии дарс, мафҳуми дарси моделизатсияшуда, дарси ҳамкорӣ ва ҳамҷоя, дарси тадқиқотӣ, мазмун ва моҳияти методҳои интерфаъол, тарзи таълими мавзӯҳои назарияи адабиёт, танқиди адабӣ ва обзорӣ, таҳлили асарҳои бадеӣ ва принсипҳои асосии он, таҳлили асарҳои бадеӣ аз рӯи жанр ва |

| | |
|---|---|
| | услубҳои асосии он, тарзи санҷиши корҳои хаттӣ ва мезони баҳо ба онҳо, тарзи ташкили корҳои берун аз синфӣ *тасаввурот соҳиб шаванд:*<br>донишҷӯён бояд доири: ташаккули таърихии методикаи таълими адабиёт ва инкишофи тадричии он, мафҳуми метод ва методика; сохт ва структураи дастурҳои таълимӣ; таърихи ташаккули таълими адабиёт дар муассисаҳои таълимӣ; сохтори мавзӯъҳои назарии адабиёт; принсипҳои таълим; ҷараёни таълим; технологияи педагогӣ-таълимӣ; метод ва моделҳои дарси адабиёт; навҳои дарс ва моделҳои асосии он; навҳои корҳои хаттӣ ва ғайра *маълумоти назарӣ пайдо кунанд;*<br>донишҷӯён бояд бобати: тарзи татбиқи дарсҳои анъанавӣ дар дар ҷараёни таълим; тарзи татбиқи методҳои маърӯза, сӯҳбат, муҳокима, нақл, қироат ва тадқиқот дар ҷараёни таълим; мазмун ва моҳияти методҳои нав ва интерфаъол; корбасти шаклҳои махсуси дарси адабиёт; дарси такрорӣ, муқаддимавӣ, дарс-семинар, дарс-экскурсия, тарҷумаи ҳол; татбиқи принсипҳои таълим ва таҳлили асарҳои бадеӣ; санҷиши корҳои хаттӣ ва меъёри баҳогузорӣ ба онҳо ва ғайраҳоро дар ҷараёни таълими адабиёти форсу тоҷик *дар амал татбиқ карда тавонанд;*<br>донишҷӯён бояд ҳангоми омӯзиши фанни мазкур бояд: дар бораи сохти дарси анъаъанавӣ ва тарзи татбиқи он дар амал; омӯзиши амалии мавзӯъҳои обзорӣ, назарияи адабиёт, мавзӯъҳои танқиди адабӣ, таҳлили асарҳои бадеӣ; тарзи таълими тарҷумаи ҳоли адибон ва мероси адабии онҳо; татбиқи методҳои анъанавӣ ва ноанъанавӣ дар омӯхтани ин ё он асари бадеӣ; ташкили корҳои берун аз синфӣ ва берун аз мактабӣ; тарзи санҷиши корҳои хаттӣ; сохтани нақшаи дарси яксоата; таҳлили дарси яксоата; баҳогузорӣ ба дониши ҳосилкардаи талаба ва ғайраҳо ба *маҳорат ва малака соҳиб бошанд:*<br>дар ҷараёни омӯхтани фан донишҷӯён бояд: татбиқи дарсҳои анъанавӣ ва ноанъанавӣ; сохтан ва дар амал татбиқ намудани дастурҳои корӣ, намунавии таълимӣ; татбиқи амалии методҳои анъанавӣ ва ноанъанавии таълим дар амал; роҳ ва тарзҳои таҳлили асарҳои бадеӣ дар ҷараёни таълим; тарз ва роҳҳои санҷиши корҳои хаттӣ; тарзи ташкили корҳои берун аз синфӣ; ташкили дарсҳои намунавӣ ва наву ноанъанавӣ, дарсҳои кушод; тайёр кардани матни маърӯзаҳо; сохтани дастурҳои таълимӣ, дастурҳои кори тақвимӣ; дар мавридҳои зарурӣ дар таҳия ва ба нашр омода кардани китобҳои дарсии мактабӣ ба *таҷриба соҳиб бояд бошанд.* |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо;<br>• кейс-стадиҳо ва маетодҳи мухталифи интерфаъол;<br>• машғулоти амалӣ;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан; |

| | |
|---|---|
| | • ассисментҳо. |
| 5 | **I. Талаботи барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани масоили мухталиф ва мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супоришот ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва ба тарзи мустақилона фаъолият доштан ва иҷро намудани ин тарзи кор доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ, супоришоти тестӣ ва назоратҳои ассисментӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Ахмадов М. Таълими адабиёти тоҷик (Қисмҳои 1- 2).- Хуҷанд. Нури маърифат, 2018.<br>2. Хӯҷақулов С. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. Самарқанд, СамДУ, 2012.<br>3. Истамова М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. Қисми 1 –Самарқанд: Донишгоҳи давлатии Самарқанд, 2003.–С.156;<br>4. Истамова М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. Қисми 2 (Синтаксис).– Самарқанд, 2010;<br>5. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. (Дар асоси технологияи нави таълим). – Самарқанд, 2015.<br>6. Хоҷаев И. Методикаи мухтасари забони тоҷики. Душанбе, 1995.<br>1. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2009. –459 с.<br><br>**Адабиёти иловагӣ**<br>2. Давлат таълим стандарти. Маърифат. - Тошкент, 1998, 13 май.<br>3. Аминов А., Воҳидов З. Иншо дар мактаби миёна. Душанбе: Маориф, 1985.<br>4. Қозиҷонов М. Корҳои хаттӣ дар машғулиятҳои хониши адабӣ. – Сталинобод, 1958.<br>5. Т. Миров, Қ. Хоҷаев. Ш.Исломов. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. Душанбе: Маориф,1991.<br>6. Т. Миров. Таълиму таҳлили асарҳои лирикӣ- Душанбе: Маориф, 1992.<br>7. Мирзоев А. Таълими таърихи адабиёти тоҷик дар синфи УШ. – Душанбе, 1982.<br>8. Дастури миллии таълими фанҳои адабиёт дар бахши таълими миёна (синфҳои 1-11). Тошкент-2020<br>9. Программаи мактабҳои миёна. Адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1987.<br>10. Дастури таълими адабиёт (барои синфҳои У-1Х) Тошкент: 2003<br>11. С.Давронов. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1989.<br>12. Тағоев Ш., Мирзоев А. Маҷмӯаи диктант ва нақлҳои хаттӣ. – Душанбе, 1988.<br>13. Исломов Ш. Воситаҳои аёнӣ аз адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989. |

| | |
|---|---|
| | 14.Вахобов А., Қозиҷонов М. Таълими адабиёт дар мактаб. – Душанбе: Маориф, 1988.<br>15.Ш.Тағоев. Таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи УШ. – Душанбе: Ирфон, 1973.<br>16.М.Бақоев. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ. – Душанбе: Дониш, 1975.<br>17.И.С. Брагинский. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968.<br>18.Рустамов К. Таълими пешояндҳо дар синфи 6. – Душанбе:<br>19.Маориф, 1967.<br>20.Шукуров М. Забони мо – хастии мо.– Душанбе, 1994.<br>21.Муллокандов Э. Забон дар тули забон.– Душанбе: Маориф, 1985.<br>22.Грамматикаи забони адабии хозираи тоҷик.– Душанбе: Дониш, 1986.<br>23.Қурбонов М., Хӯҷаев Д., Исрофилов М. Дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфи 9. – Душанбе: Маориф, 1992.<br>24.Ҳасанов К. Асосҳои назарияи педагогика. – Тошкент, 2008;<br><br>1. **Манбаъҳои ахборӣ -интернетӣ:**<br>1. www.ZiyoNet.uz<br>2. www.wekopedia.tj<br>3. http://library.ziyonet.uz/ru/book/71622<br>4. https://www.hgu.tj/ru/news/media/item/82.html<br>5. http://wocid.wordpress.com/2011/05/18/лексия-устод-боймурод-ш-аз-таърихи-ад/<br>6. http://yandex.ru/yandsearch?text=Адабиёти+тоҷик&clid=&lr=10334<br>7. http://bse39.medtour.info/podrobno/tadzhikskiy_yazyk~76818.htm<br>8. http://www.library.univ.kiev.ua/ukr/elcat/new/detail.php3?doc_id=698506<br>9. http://toptjk.com/reftj/tojiki/357-abdurahmoni-chomi.html<br>10.bestdomen.com›mirzo-tursunzoda.html копия ещё<br>11.http://bestdomen.com/mirzo-tursunzoda.html<br>12.http://shahri-khurshed.blogspot.ru/<br>**13.**toptjk.com›reftj/tojiki/336-savolnomai-test-az-…<br>14.www.ZiyoNet.uz<br>15.www.wekopedia.tj<br>16.http://library.ziyonet.uz/ru/book/71622<br>17.https://www.hgu.tj/ru/news/media/item/82.html<br>18.www. google.uz<br>19.www. ziyonet.uz<br>20.www. edu.uz<br>21.www. wikpedia.uz |
| 7 | Дастури фан _____________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:** |

| | |
|---|---|
| | С.Хӯҷақулов – номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>А.Хонхӯҷаева – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>А.А.Шерназаров – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |

**Кафедра мудири: проф. Ҷ.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси: проф. А.Пардаев**

**"Тасдиқлайман"**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**
**___________А.С.Солеев**
**«_24_»_Август_____ 2021 йил**